«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, доктори
илмҳои биологӣ, профессор,
_____________ Давлатзода С.Х.
«08» апрели _____________ соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибуллю дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Мавзӯи барои ҳимоя пешниҳоднамудаи унвонҷӯй оид ба афкори сиёсию ҳуқуқии яке аз мутафаккирони бузурги тоҷик Мискавайҳ аз нуқтаи назари илм ва амалия мубрам ва муҳим ба назар мерасад. Мубрамият ва аҳамияти илмии афкори сиёсию ҳуқуқии ниёгон, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки аҷдоди тоҷикон аз қадим ба илму таълим ва масоили тарбияи ҷомеа рӯ оварда, аз худ асарҳои нодиреро мерос гузоштаанд, ки то имрӯз қисмати фарҳангии ҷомеаи башарӣ тибқи онҳо насли наву ҷавонро ба тарбия фаро мегиранд. Ғайр аз ин, то имрӯз асару андешаҳои аксарияти мутафаккирони тоҷик предмети таҳқиқу таҳлили илмӣ ба таври монографӣ дар Тоҷикистон нагардидаанд. Аз ҷониби дигар, муҳаққиқони афкори сиёсию ҳуқуқӣ дар ин самт, кӯшиш доранд, ки мутафаккирони мо ва инчунин асарҳои онҳоро соҳибӣ намоянд, чӣ тавре ки бо мутафаккири бузурги тоҷик Абунасри Форобӣ рух додаву арабу қазоқ, турку мисрӣ ӯро намояндаи миллати худ эълон кардаанд. Дар қатори ин ҳастанд муҳаққиқоне, ки андешаҳои мутафаккирони тоҷикро рушд дода, бо назарияи том ҳамчун асосгузори асл ва таълимоти алоҳида эътироф шудаанд. Ҳамаи гуфтаҳои боло, якҷоя бо асосноккунии муаллиф заминаи мубрамияти таҳқиқи афкори сиёсию ҳуқуқии Мискавайҳро ташкил дода, асоси рӯ овардани муаллиф ба ин мавзӯъ гаштааст. Рӯ овардани муаллиф ба ин мавзӯъ, бешубҳа ирода ва нерӯи зиёдро талаб дорад,

чунки асарҳои мутафаккири машҳур ба забони тоҷикӣ тарҷума нашуда, аксарияти онҳо ба забони арабӣ таҳия гардидаанд. Аз ҷониби дигар, тамоми мушкилиҳои таҳқиқот бо эътирофи муаллиф ҳамчун муаррифгари як абармарди афкори сиёсию ҳуқуқӣ, ки чандин назарияи муосири ҳуқуқро таҳия, пешниҳод ва пешгӯӣ кардааст, баробар намешавад.

Бо таъсис ва ташаккули давлати мустақили тоҷикон дар се даҳсолаи охир як қатор дастовардҳо ва дар қатори он мушкилоти сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ ба миён омад, ки ҳалли одилонаю оқилонаи онҳо рӯ овардан ба таҷрибаи ниёгон ва истифодаи сабақҳои таърихиро талаб мекунад. Чунонки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид мекунанд, рӯ овардан ба таърихи миллат, танҳо масъалаи соф илмӣ набуда, сабақи гузаштаро барои роҳ кушодан ба оянда ва истифода бурдан аз он дар амалия зарур мебошад. Аз ин нуқтаи назар таҳлили масоили мазкур мубрам ва муҳим ба назар мерасад.

**2. Натиҷаҳои илмии ба даст оварда дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқот натиҷаҳои нави илман асосноки назариявӣ пешниҳод шудаанд, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти назаррас доранд:

1. Нуқтаи илмии дар банди аввал пешниҳоднамуда - муаллиф омилҳои мусоидаткунанда ба ташаккули шахсияти Мискавайҳро ошкор ва муайян намудааст. Ба андешаи муаллиф ин омилҳо аз таълими комил, донистани забонҳои форсию арабӣ ва юнонӣ, таъриху фиқҳ, таҷрибаи сиёсӣ ҳангоми хизмати давлатӣ дар давлати Бувайҳиён иборатанд.

2. Натиҷагирии дуюм аз таҳқиқот, хулосаи муаллиф оид ба андешаи Мискавайҳ дар бораи он аст, ки мутафаккир заминаи хушбахтӣ (саодат) омӯзиши ҳуқуқ ва бо он мутобиқ сохтани амалу рафтори шахсро муҳим арзёбӣ карда, минбаъд машғул шудан ба ҳикмату илм ва маърифатро талаб мекунад.

3. Дар банди сеюми нуқтаҳои илмӣ муаллиф таълимоти Мискавайҳро оид ба сарчашма ва омилҳои пайдоиши ҷомеа ошкор менамояд. Чунончи, муаллиф исбот намудааст, ки дар таълимоти Мискавайҳ омилҳои зерин аз қабили

табиатан маданӣ ва иҷтимоӣ будани инсон, адолати илоҳӣ, таҳсили фазоил, камолот, тарс ва ночории фарди алоҳида, нотавонии инсон дар муқобили табиат, пешгирӣ аз зулму ситам сабаб ва заминаи пайдоиши давлат гаштаанд.

4. Дар банди чаҳоруми нуқтаҳои илмӣ таълимоти мутафаккир оид ба принсипи рушди таърих ва омили муҳимтарини рушд – иродаи инсонро эътироф кардани ӯ мебошад.

5. Дар нуқтаи панҷуми пешниҳодгардида ченакҳои муайянкардаи Мискавах ҳангоми тақсими ҳокимият (давлат) дар ҷомеа мушаххас шудаанд. Мискавайҳ тибқи таҳқиқоти анҷомшуда, ченаки қонунӣ будани ҳокимиятро ҳамчун меъёри баҳодиҳии ҳокимият (давлат) истифода бурда, онҳоро ба ду намуд: ҳокимияти қонунӣ (машрӯъ, мулукия) ва ғайриқонунӣ (номашрӯъ, ҳукумати ғалаба) тақсим менамояд.

6. Дар нуқтаи шашуми пешниҳодгардида муаллиф махсусиятҳои таълимоти мутафаккир оид ба адолат, адолати иҷтимоӣ ва нақши асли адолат дар идоракунии ҷамъият, давлатдорӣ ошкор намуда, адолатро сабаби пешрафти давлат ва даст кашидан аз онро сабаби таназули давлат эътироф мекунад.

7. Нуқтаи ҳафтуми илмии пешниҳодшуда таълимоти мутафаккирро оид ба замина, сабабҳо, моҳият, омилҳои пайдоиши давлат дарбар мегирад.

8. Дар навоварии банди ҳаштум таълимоти Мискавайҳ оид ба вазифаҳои муҳимтарини давлат таҳқиқ ва хусусиятҳои он ошкору мушаххас карда шудааст.

9. Навоварии нуҳуми таҳқиқот аз он иборатаст, ки бори аввал таълимоти ҳуқуқии Мискавайҳ, ки аввалин бор дар таърихи афкори ҳуқуқии тоҷикон оид принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, масъулияти давлат ва шахсият дар муносибату алоқаҳои байниҳамдигарӣ таҳқиқ гаштааст. Ба андешаи Мискавайҳ «Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бар хилофи дастуроти (талаботи) қонун маҷбур кунад», ки нуктаи назари ҳуқуқӣ ва гуманистонаи мутафаккир ба шумор меравад ва ӯро дар қатори ҳуқуқшиносони барҷаста мегузорад. Тибқи ин нуқта шахс ҳам наметавонад кореро аз давлат

талаб намояд, ки зидди қонун мебошад, яъне ҳудуди фаъолият ва масъулияти давлату шахсиятро бо қонун маҳдуд менамояд.

10. Дар навоварии даҳуми диссертатсия, яке аз аслҳои муҳимтарини таълимоти Мискавайҳ дар самти ҳуқуқ – вобастагии давлат аз ҳуқуқ (қонун) ошкор карда шуда, мутафаккир бар он ақида аст, ки давлат ҳамеша бояд тибқи қонун амал намояд.

11. Дар диссертатсия таълимоти дигари инқилобии Мискавайҳ – оид ба иштироки фаъолонаи мардум дар идоракунии давлат ошкор, таҳлил ва баҳодиҳии илмӣ гардидааст. Муаллиф ошкор намудааст, ки тибқи таълимоти мутафаккир, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар идоракунии давлат бо риояи қонунҳо дар муайян намудани сарнавишти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа дар раванди расидан ба ҳадафҳои миллӣ ҳатмӣ мебошад.

12. Дар навоварии дигар, муаллифи диссертасия дар таълимоти ҳуқуқии Мискавйҳ яке аз принсипҳои муҳимтарини демократия – принсипи назорати ҷамъият аз болои фаъолияти амалдорон ва хизматчиёни давлатиро ошкор ва таҳқиқ мекунад. Ба андешаи мутафаккир барои анҷом додани вазифаҳои шаҳрвандии худ мардум бояд аз ҳаққи назорати доимӣ аз болои ҳокимият ва мансабдорони он бархурдор бошад, ки имрӯз масоили доғӣ рӯз мебошад.

**3. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳияти натиҷа ва хулосаҳои дар диссертатсияи пешниҳодшуда.** Қайд намудан зарур аст, ки ҳамаи нуктаҳои илмии барои ҳимоя тавсияшуда илман асоснок мебошанд, дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили сарчашмаҳои аслӣ, андешаи мутафаккирони дигар ва сарчашмаҳои илмӣ таҳия гардидаанд. Натиҷаю хулосаҳои пешниҳодгардида саҳеҳ ва лоиқи дастгирӣ мебошанд, зеро дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ бо истифодаи таҳқиқоти муҳаққиқони дохилию хориҷӣ ва бо истифода аз усулҳои илмӣ таҳия гардидаанд.

**Дараҷаи навоварии хулоса ва пешниҳодҳо.** Қайд намудан зарур аст, ки аксарияти натиҷаҳо нав буда, бори аввал барои ҳимоя

пешниҳод шудаанд. Дар умум, бандҳои пешниҳодшуда, саҳми шахсии унвонҷӯ дар омӯзиши афкори сиёсию ҳуқуқӣ дар бар мегирад.

**5. Аҳамияти натиҷаҳои илмӣ барои назария ва амалия, тавсияҳо барои истифодаи онҳо.**

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан рушди илми афкори сиёсӣ-ҳуқуқӣ муҳим ба назар мерасад. Натиҷаю хулосаҳои таҳқиқоти диссертасиониро метавон дар таълими фанҳои “Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон”, “Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ”, дар таълими “Назарияи давлат ва ҳуқуқ” ва таҳияи китобҳои дарсӣ истифода бурд.

Аҳамияти амалии диссертасия дар истифодаи хулосаҳои он ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатии омӯзиши фарҳанги ниёгон, муқовимат бо ифротгароӣ ва ғайра мебошад.

**Мутобиқати автореферат ба мазмуни диссертатсия**

Автореферат ба таври комил ба мазмуни диссертатсия мутобиқ буда, мазмуни асосии онро инъикос менамояд ва тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар он мақсад, вазифа, бандҳои барои ҳимоя тавсияшуда, хулоса ва тавсияҳои амалии дар ҷараёни таҳқикот ба даст омада инъикос шудаанд. Автореферат бо ду забон нашр гардида, матни он бо ҳамдигар мувофиқат мекунанд.

**Норасоиҳо дар мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ рисолаи комил ва анҷоёфта мебошад, ки дар он як қатор намунаҳои таълимоти мутафаккири барҷаста Мискавайҳ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Ба ин нигоҳ накарда, нисбат ба шакл ва мазмуни диссертасия баъзе эродҳо вуҷуд дорад.

1. Дар баъзе маврид муаллифи диссертатсия бо таҳлили баъзе иқтибос аз таълимоти Мискавайҳ кушиш намудааст, ки омӯзиши масъаларо хотима бахшад. Сифати кор беҳтар мешуд, агар муаллиф, ба масоили ба принсипҳои таҳқиқшаванда робитадошта диққат дода, ҷанбаҳои гуногуни масъаларо ошкор менамуд. Масалан, муаллиф дар қатори

таълимоти Мискавайҳ оид ба вобастагии давлат аз ҳуқуқ, метавонист ба таври амиқ воситаю роҳҳо ва механизмҳои ин вобастагиро таҳқиқ ва ошкор намояд.

2. Дар ошкор намудани баъзе андешаҳои муаллиф усули муқоисаи ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода гардида, дар дигар ҳолатҳо истифодаи васеи он метавонист барои ошкор намудани ҳақиқат мусоидат намояд.

Албатта, тавсияи мо оид ба истифодаи усулҳои омӯзиш дар таҳқиқот баҳснок буда, ба қимати баланди илмии рисола таъсиргузор нестанд. Диссертатсия ба таври куллӣ ҷанбаҳои гуногуни таълимоти Мискавайҳро ошкор ва илман ҷамъбаст намуда, дар шакли комплексӣ ва ҳамчун рисолаи анҷомёфта пешниҳод гардидааст.

**9. Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.** Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии афкори сиёсию ҳуқуқи миллати тоҷик буда, ба ошкор намудани ҷанба, моҳият ва мазмуни таълимоти яке аз мутафаккирони бузурги тоҷик – Мискавайҳ бахшида шудааст.

Диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» аҳамияти илмию назариявӣ ва инчунин амалӣ дошта, дар илми таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ таҳқиқоти комил ва баанҷомрасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда хелоро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо комил ва барои таҳияи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи муқовимат бо ифротгароӣ ва ғайра имконият фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба кулли талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад. Аз ин сабаб, диссертатсия дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ» таҳқиқоти илмии комил ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, дар он мушкилоти мушаххаси илмӣ

ҳалли худро ёфтаанд ва муаллифи он – Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» муҳокима ва қабул шудааст (суратҷаласаи №8, аз 2 апрели соли 2021).

**Раиси семинари илмӣ-методии кафедра,**
**номзади илмҳои ҳуқуқ,** **Абдураҳимов С.Қ.**

**Ташхисгар оид ба диссертатсия**
**номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент** **Сафарбекзода Ҳ.С**

**Котиби семинари илмӣ- методии кафедра,** **Давлатова М.Ҳ.**

**Имзои Абдураҳимов С.Қ., Сафарбекзода Ҳ.С. ва Давлатова М.Ҳ.- ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Шукурзод Ҷ.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
**Рақами телефон:** +(992) 3222-2-54-81+(992) 3222-2-22-53
**Суроғаи электронӣ:** bgu -1978@mail.ru
**Суроғаи сомонаи расмӣ:** www.btsu.tj